“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор
__________ Сафарзода М.В.
“ 11 ” ____08____ соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Алиназарова Муҳаббат Раҳматназаровна дар мавзуи «Методикаи омодасозии мутахассисони ояндаи биология бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси (5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.5. - Назария ва технологияи таълими биология)

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия Алиназарова Муҳаббат Раҳматназаровна ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси ихтисоси (5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.5. - Назария ва технологияи таълими биология), ки бо қарори Раёсати Комссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз апрели 2017, №1/4 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд:

– банди 4. Асосҳои назариявию методологии таълими биология дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ;

– банди 5. Таҳқиқи шароити педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзгорони оянда;

– банди 18. Таҳия ва татбиқи методикаи истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) дар раванди таълим;

– банди 19. Таърихи ташаккул, таҳлили самаранокӣ, классификатсия, оптимизатсия, коркард ва татбиқи амалӣ.

– банди 33. Асосноккунии илмӣ ва санҷиши таҷрибавии самаранокии усулҳои пешниҳодгардида.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Диссертатсияи Алиназарова Муҳаббат Раҳматназаровна ба яке аз масъалаҳои мубрами таҳсилоти муосир - истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар низоми таҳсилоти олӣ ва нақши онҳо дар ташаккули салоҳиятҳои касбӣ ва иттилоотии донишҷӯён бахшида шудааст.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот пеш аз ҳама ба талаботи муосири рушди низоми таҳсилоти олӣ, раванди рақамикунонии соҳаи маориф ва зарурати омодасозии мутахассисони рақобатпазир вобаста мебошад. Дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ истифодаи имкониятҳои ТИК дар раванди таълим на танҳо воситаи иловагӣ, балки яке аз омилҳои муҳими баланд бардоштани сифати таҳсилот, такмили усулҳои таълим ва ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯён ба ҳисоб меравад.

Дар шароити табдилоти рақамии ҷомеа, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) ба ҷузъи ҷудонашавандаи раванди таълим ва яке аз воситаҳои асосии баланд бардоштани сифати тайёрии кадрҳои педагогӣ табдил ёфтаанд. Доир будан ба ТИК яке аз талаботи калидии касбӣ нисбат ба омӯзгори муосир ба шумор меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рақамикунонии соҳаи маориф ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ эътироф шудааст. Дар Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамояд, ки рушди илм, маориф ва маҳорати педагогӣ заминаи асосии пешрафти устувор ва ташаккули иқтидори зеҳнии миллат мебошад.

Истифодаи самараноки ТИК махсусан дар омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни биология аҳамияти калон дорад, зеро технологияҳои рақамӣ имконият медиҳанд, ки таҷрибаҳои лабораторӣи маҷозӣ (виртуалӣ)

гузаронида шаванд, равандҳои биологӣ модел карда шаванд, манбаъҳои электронии таълимӣ таҳия гарданд ва фаъолияти маърифатии донишҷӯён фаъолтар гардад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ. Дар марҳилаи муосири рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва ракамикунонии низоми таҳсилот масъалаи истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) дар омодасозии кадрҳои педагогӣ аҳаммияти рӯзафзун пайдо кардааст. Тағйирёбии муҳити таълим, афзоиши ҳаҷми иттилоот, рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва ворид гардидани воситаҳои нави таълимӣ ба фаъолияти омӯзгор аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тақозо менамояд, ки дар раванди омодасозии омӯзгорони оянда на танҳо донишҳои фаннӣ ва педагогӣ, балки малакаҳои истифодаи мақсаднок ва самараноки ТИК низ ташаккул дода шаванд.

Масъалаҳои назариявӣ ва амалии иттилоотонии таҳсилот, истифодаи ТИК дар раванди таълим ва ташаккули салоҳиятнокии иттилоотии субъектҳои раванди таълим дар таҳқиқоти як қатор олимони хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, дар асарҳои А.А. Кузнетсова, М.П. Лапчик, И.В. Роберт, В.В. Краевский, А.М. Атаян, В.П. Тихомиров, М.Ю. Бухаркина, О.А. Козлов, А.Ю. Кравцова, Т.А. Лавина ва дигарон ҷанбаҳои гуногуни иттилоотонии таҳсилот, истифодаи технологияҳои рақамӣ, ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ ва такмили раванди таълим тавассути ТИК таҳлил гардидаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур барои муайян намудани имкониятҳои дидактикӣ ва методии технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ дар низоми таҳсилот заминаи назариявии муҳим фароҳам овардаанд.

Дар педагогикаи тоҷик низ масъалаҳои истифодаи ТИК дар раванди таълим, иттилоотонии таҳсилоти касбӣ ва ташаккули салоҳиятнокии иттилоотии донишҷӯён мавриди омӯзиши олимони ватанӣ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, дар таҳқиқоти А.П. Назаров, А.Р. Мирзоев, Ф.С. Комилиён, Р.Ҷ. Давлатов, О.А. Исломов, Ф.Ф. Шарипов, А.Ю. Уваров, А.

Саидов, С. Раҳимов ва дигарон ҷанбаҳои гуногуни истифодаи имкониятҳои ТИК дар таълим, ташаккули салоҳиятнокии иттилоотӣ ва такмили омодагии касбии мутахассисон баррасӣ шудаанд.

Масъалаи омодасозии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, махсусан донишҷӯёни ихтисосҳои педагогӣ ва табиатшиносӣ, ба истифодаи ТИК низ дар корҳои илмии С.А. Бешенков, А.В. Кузнетсова, М.П. Лапчик, Ф.Ф. Шарипов, Н.Н. Шоев, Ф.С. Комилиён, Б.Ф. Файзализода, А.Э. Сатторов ва дигарон мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар ин таҳқиқот имкониятҳои ТИК дар ташкили фаъолияти таълимӣ, ташаккули малакаҳои иттилоотӣ, баланд бардоштани фаъолияти маърифатии донишҷӯён ва омодасозии онҳо ба фаъолияти минбаъдаи касбӣ баррасӣ гардидаанд.

Бо вуҷуди мавҷудияти корҳои назариявию амалии зикршуда, таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки масъалаи ташаккули омодагии касбии омӯзгорони ояндаи биология ба истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ҳамчун масъалаи мустақили педагогӣ то ҳол ба таври кофӣ ва ҳамаҷониба таҳқиқ нашудааст. Махсусан, ҷанбаҳои сохторию мазмунӣ, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои омодагии омӯзгорони ояндаи биология ба истифодаи ТИК, шароити педагогии ташаккули чунин омодагӣ, инчунин модели педагогии раванди мазкур ба таҳқиқоти махсуси мукаммал ниёз доранд.

Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти мавҷуда имкон медиҳад, ки як қатор зиддиятҳои илмӣ-педагогӣ муайян карда шаванд. Аз як тараф, дар шароити рақамикунонии таҳсилот ва рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ талабот ба сатҳи омодагии омӯзгорони оянда ба истифодаи воситаҳои рақамӣ пайваста меафзояд; аз ҷониби дигар, дар мазмун ва технологияи омодасозии касбии омӯзгорони ояндаи биология ин талабот ҳанӯз ба таври пурра инъикос наёфтааст. Ҳамзамон, байни имкониятҳои васеи ТИК барои баланд бардоштани сифати таълими

биология ва сатҳи омодагии воқеии донишҷӯён ба истифодаи мақсадноки онҳо дар фаъолияти касбӣ низ номувофиқӣ ба назар мерасад.

Зиддияти мазкур зарурати ҳалли проблемаи илмӣ-педагогӣ-ро ба миён меорад, ки моҳияти он дар муайян ва асоснок намудани заминаҳои назариявию методологӣ, мазмун, сохтор, меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва шароити педагогии ташаккули омодагии омӯзгорониояндаи биология ба истифодаи ТИК дар раванди фаъолияти касбӣ ифода меёбад.

Аз ин рӯ, таҳлили дараҷаи таҳқиқи масъала нишон медиҳад, ки дар илмҳои педагогӣ барои омӯзиши умумии иттилоотонии таҳсилот, истифодаи ТИК ва омодагии касбии омӯзгорон заминаи назариявию методии кофӣ мавҷуд аст. Аммо татбиқи ин заминаҳо ба хусусиятҳои омодасозии омӯзгорониояндаи биология, бо дарназардошти мазмуну хусусияти фанни биология, имкониятҳои ТИК ва талаботи муосири фаъолияти касбии омӯзгор, ҳанӯз ба таҳқиқоти махсус ниёз дорад.

Ҳамин тариқ, дараҷаи таҳқиқи мавзӯъ ва таҳлили адабиёти илмӣ зарурати таҳияи низоми илмӣ-методии омодасозии омӯзгорониояндаи биология ба истифодаи ТИК-ро асоснок менамояд.

Ҳалли ин масъала метавонад ба такмили мазмун ва технологияи омодагии касбии донишҷӯёни ихтисосҳои педагогӣ, баланд бардоштани салоҳиятнокии иттилоотию рақамии онҳо ва дар маҷмӯъ, беҳтар намудани сифати тайёр намудани омӯзгори муосири биология мусоидат намояд.

Марҳала, макон ва давраҳои таҳқиқот. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар давраи солҳои 2017 то 2025 гузаронида шуда, се марҳилаи пайдарпай ва бо ҳам алоқамандро дар бар мегирад, ки мантиқ ва пайдарҳамии ҷустуҷӯи илмиро - аз ташаккули масъала ва таҳлили назариявӣ то ҷамъбасти натиҷаҳои амаливу таҳияи матни ниҳоии рисола - ифода менамояд.

Марҳалаи аввал (солҳои 2017–2019). Дар ин марҳала ҷустуҷӯ ва таҳлили назариявӣ анҷом дода шуд: ҷамъоварӣ, омӯзиш ва систематизатсияи адабиёти илмӣ оид ба педагогика, биология, технологияҳои иттилоотӣ ва методикаи тайёрии касбии омӯзгорониояндаи фанни биология. Омӯзиши

таҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти олии педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва як қатор кишварҳои хориҷӣ вобаста ба истифодаи ТИК дар омодасозии омӯзгорон анҷом ёфтааст. Асосҳои методологии таҳқиқот муайян гардида, дастгоҳи мафҳумӣ-категориявӣ ва усулҳои таҳлили илмӣ дақиқ карда шуданд.

Марҳалаи дуюм (солҳои 2020–2022). Дар ин марҳала асосноккунии назариявии шароитҳои педагогӣ сурат гирифт, ки онҳо ба баланд бардоштани самаранокии омодагии касбии омӯзгорониояндаи фанни биология барои истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) дар фаъолияти таълимӣ равона шудаанд. Дар асоси ин таҳқиқот озмоишҳои педагогӣ ва таҷрибаҳои илмӣ-амалӣ дар озмоишгоҳҳо ва воҳидҳои таълимии донишгоҳҳои таҷрибавӣ амалӣ гардиданд.

Марҳалаи сеюм (солҳои 2023–2025). Марҳалаи хотимавӣ ба систематизатсия, таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳо бахшида шуда, дар он натиҷаҳои бадастомада таҳлил ва шарҳ дода шуданд. Хулосаҳои асосӣ таҳия гардиданд, мақолаҳои илмӣ ва гузоришҳо омода ва матни пурраи диссертатсия тибқи талаботи расмии корҳои илмии дараҷаи номзадӣ тартиб дода шуда аст.

Пойгоҳи таҳқиқот: Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев; Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ; Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;

Дар озмоишҳо ва таҳқиқоти педагогӣ беш аз 150 нафар донишҷӯёни факултетҳои биология иштирок намуданд.

БОБИ 1. Асосҳои назариявию илмии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ

Аҳаммияти сиёсати давлатии маориф ва нақши кадрҳои педагогӣ дар рушди устувори ҷомеа дар сатҳи давлатӣ таъкид мегардад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 январи соли 2016 зикр намуданд, ки пешрафти кишвар то

андозаи зиёд аз сифати фаъолияти омӯзгорон, инчунин аз сатҳи рушди илм ва низоми маориф вобаста мебошад. Ин нуқта аҳаммияти стратегии омодасозии омӯзгорони насли навро, ки қодир ба истифодаи самараноки захираҳои муосири рақамӣ дар фаъолияти касбӣ мебошанд, боз ҳам равшантар менамояд.

Усулҳои методҳои анъанавии таълиму тадрис имрӯз ҳам мавқеи худро нигоҳ медоранд. Бо вуҷуди ин технологияи инноватсионӣ раванди дарсро ҷолибтар месозад. Дар баробари ин аз усулҳои нави таълим истифода бурда дарсро бояд ҷолибтар ва шавқовартар гузаронад.

Таҳлили назариявии адабиёти илмӣ нишон дод, ки иттилоотисозии таълим омили муайянкунандаи сатҳи рушди ҷомеа шуда истодааст, ки дар ин ҷо таҳкурсии калидии рушди иттилоотонӣ дар соҳаи маориф равандҳои иттилоотӣ дар муассисаҳои таълимии сатҳҳои мухталиф ҳастанд, ки дар онҳо воситаҳои ТИК васеъ истифода мешаванд.

Омӯзгорони оянда барои омодагии касбӣ вобаста ба қобиляти кор бо тенологияи компютерӣ ва ба ин раванд зуд мутобиқ шуданро аз худ кунанд.

Аз ин рӯ, ба андешаи Н.Хомский: «ҷудо кардани возеҳ миёни компетенсия ва перформанс барои фаҳмиши амиқи тарзи фаъолияти забон дар шуури инсон ва дар муошират воқеӣ зарур мебошад. Ин равиш таъсири назаррас ба рушди назарияи муосири забоншиносӣ гузошта, яке аз асосҳои муҳими илми когнитивӣ оид ба забон гардид» [43, 65].

Ҳамин таври истифодаи усулҳои муосир таълим дар дарсҳои биология фаъолияти зеҳнии донишомӯзонро зиёд намуда ба беҳтар шудани натиҷаи таълим мусоидат мекунад.

Дар ихтиёри омӯзгорон ва омӯзандагон доираи васеи захираҳои таълимии шабакавии хориҷӣ ва русзабон мавҷуд аст, ки метавонанд дар раванди омӯзиши фанҳои биологӣ ба таври самаранок истифода шаванд. Аз ҷумла, захираҳои зерин аз ҳама иттилоотнок ба ҳисоб мераванд:

biolog188.narod.ru - сомонаи омӯзгори фанни биология А. П. Поздняков, ки маводҳоро аз рӯйи ботаника, зоология, анатомия ва

биологияи умумӣ дар бар мегирад; аз ҷумла конспектҳои дарсҳо, корҳои лабораторӣ, супоришҳои тестӣ, таҳияҳои методӣ ва мақолаҳои илмӣ-оммавӣ.

biodan.narod.ru - сомонае, ки ба хабарҳои биология ва экология бахшида шудааст; дорои баррасиҳои таҳлилӣ, мақолаҳои илмӣ, аксҳо ва зиндагиномаҳои олимони барҷаста мебошад.

bio.1september.ru - платформаи электроние бо нашрияҳо оид ба ботаника, зоология, биологияи умумӣ ва экология.

Хусусиятҳои истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар низоми таҳсилоти олии педагогӣ дар шароити рушди муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар солҳои охир низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи пуршиддати дигаргунсозиро аз сар мегузаронад, ки он ба ҷорӣ намудани васеъ микёси технологияҳои рақамӣ дар тамоми сатҳҳои раванди таълим вобаста аст. Иттилоотикунонӣ ба ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати давлатии соҳаи маориф табдил ёфта, ба таври назаррас ҷанбаҳои ташкилии, методӣ ва муҳтавои омодасозии кадрҳои ояндаи педагогиро тағйир дод.

Паҳншавии фаъоли технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ боиси ташаккули шаклҳо ва моделҳои нави таълим гардид, ки ба баланд бардоштани сифати раванди таълим, инфиродисозии траекторияи таҳсили донишҷӯён ва густариши имкониятҳои рушди касбии онҳо мусоидат менамоянд.

Имкониятҳои таълими донишҷӯён ба таври чашмгир васеъ гардида, усулҳои анъанавии омӯзиш бештар мавриди бозбинӣ ва мутобиқсозӣ ба талаботи замони муосир қарор мегиранд. Имрӯз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) дигар чун унсури ёрирасон набуда, балки ба яке аз абзорҳои асосии ташаккули раванди таълими босифат табдил ёфтаанд.

Технологияҳои муосир ба ҳаёти ҳаррӯза қавӣ ворид шуда, ҷузъи ҷудонашавандаи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар гардидаанд. Компютер, ки то чанд даҳсола пеш нишонаи нуфуз даниста

мешуд, имрӯз воситаи ҳатмии дастрасӣ ба иттилоот, коркарди додаҳо ва захиракунии дониш мебошад. Ҳамин тавр, ҳамгироии ТИК ба раванди таълим дар низоми таҳсилоти олии педагогии Тоҷикистон на танҳо посух ба талаботи замон, балки шарти муҳим барои баланд бардоштани сифати омодасозии омӯзгорони оянда мебошад.

Омузиши оқилонаи усулҳои анъанавии педагогӣ бо технологияҳои муосири рақамӣ барои ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯён, ки дар шароити асри XXI талаботи баланд доранд, шароити мусоид фароҳам меорад. Истифодаи воситаҳои мултимедиявӣ раванди азхудкунии маводи таълимиро ба таври назаррас осон намуда, машғулиятҳоро пурмазмун, динамикӣ ва аз ҷиҳати эҳсосӣ ҷолиб мегардонад. Захираҳои рақамӣ тамаркузи диққати донишҷӯёнро тақвият бахшида, ҷалби фаъолонаи онҳоро ба ҳамкории таълимӣ ҳавасманд месозанд ва эҳсоси иштироки фаъол дар раванди таълимро ташаккул медиҳанд.

Татбиқи мултимедиа ба ташаккули низоми густурдаи робитаҳои иттилоотӣ мусоидат мекунад, ки нисбат ба истифодаи танҳо усулҳои анъанавӣ фарогирии васеътар ва бисёрҷабҳаи иттилооти таълимиро таъмин менамояд. Пешниҳоди дониш тавассути каналҳои гуногуни дарк - визуалӣ, шунавоӣ ва омехта — самаранокии ҳифз ва дар хотир нигоҳ доштани маълумотро баланд бардошта, ба нигоҳдории дарозмуддати он мусоидат мекунад. Азхудкунӣ, таҳлил ва рушди донишҳои биологӣ дар шароити истифодаи захираҳои мултимедиявӣ ба таври амиқтар сурат мегирад, зеро фаъолияти маърифатӣ фаъол гардида, муҳити мусоиди иттилоотӣ фароҳам меояд.

Дар таълими биология истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) аҳамияти махсус дорад, зеро бисёр мавзӯъҳо ба аёнсозӣ, моделсозӣ ё таҳлили равандҳои динамикӣ ниёз доранд. Технологияҳои рақамӣ имкон медиҳанд падидаҳои биологӣ, сохторҳои мураккаби морфологӣ, механизмҳои эволютсионӣ, робитаҳои экологӣ ва равандҳои физиологӣ дар шакли интерактивӣ намоиш дода шаванд. Ин

омӯзиши фанро ҳадафноктар, аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва самаранок гардонида, ҳамзамон ҷузъи тадкиқотии раванди таълимро тақвият мебахшад.

Барои омӯзгор яке аз абзорҳои самараноки ҳавасмандгардонии эҷодӣ ва худшиносии касбӣ ин баргузории дарсҳои муаррифӣ боқӣ мемонад. Ин гуна машғулиятҳо, ки ҷузъи ҷудонашавандаи раванди таълим мебошанд, имконият медиҳанд, ки усулҳои инноватсионӣ, равишҳои ғайристандартӣ дар пешниҳоди мавод ва шаклҳои муосири ҳамкорӣ бо шунавандагон намоиш дода шаванд. Дарсҳои муаррифӣ на танҳо ба баланд бардоштани таваҷҷуҳ ва ҷалби фаъолонаи хонандагон мусоидат мекунанд, балки дар онҳо малакаҳои кор бо иттилоот, рушди тафаккури интиқодӣ ва қобилиятҳои коммуникатсионӣ низ ташаккул меёбанд.

Бо вуҷуди ин, маҳз омӯзгор шахсияти марказии раванди таълим боқӣ мемонад; дастгоҳҳои техникӣ танҳо қисман метавонанд вазифаҳои ӯро иҷро намоянд — ҳамчун манбаи иттилоот, воситаи арзёбӣ ё абзори ҳамроҳсозии омӯзиш.

Дар ҳамаи марҳилаҳои машғулият шаклҳои фаъолияти таълимӣ ва тарзҳои ҳамкории донишҷӯён бо маводи таълимӣ тағйир меёбанд. Муҳим он аст, ки технологияҳои рақамӣ дар ҳамбастагӣ бо воситаҳои анъанавии таълим – китобҳои дарсӣ, ҷадвалҳо, дастурҳои методӣ – истифода мешаванд. Дар ин замина ҳамгироии ТИК бояд ҳамчун унсури табиӣ ва органикии низоми маориф баррасӣ гардад, ки бар принсипҳои бунёдии дидактикӣ асос ёфтааст.

## Боби 2. Баланд бардоштани самаранокӣ ва механизмҳои ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар низоми таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар шароити равандҳои ҷаҳонишавӣ низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои васеъро барои ҷорӣ намудани моделҳои нави таълимӣ, ки ба баланд бардоштани сифати тайёр намудани мутахассисон равона шудаанд, ташаккул медиҳад. Сиёсати миллии маориф ба навсозӣ ва

такмили механизмҳои ташкили раванди таълим аҳамияти махсус медиҳад. Амалишавии ин вазифа танҳо дар шароите имконпазир аст, ки низоми маориф дорои чандирӣ буда, кобилияти мутобикшавӣ ба тағйиротро дошта бошад, ки ин барои фаъолияти муассисаҳои гуногуни инноватсионии таълимӣ замина фароҳам меорад.

Модели муосири таълим истифодаи усулҳои фаъоли омӯзиш ва воситаҳои гуногуни таълимиро дар назар дорад, ки ҷалби донишҷӯёнро ба фаъолияти маърифатӣ таъмин менамоянд.

Стандарти таълими фанни «Биология» дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ноил шудан ба як қатор ҳадафҳои калидӣ равона шудааст, аз ҷумла:

- ташаккули тасаввурот дар бораи нақши биология дар шаклгирии ҷаҳонбинии муосири табиатшиносӣ;

- азхудкунии усулҳои шинохти табиати зинда ва қонуниятҳои он;

- омӯзиши сохтор, фаъолияти ҳаётӣ ва муҳити зисти организмҳои зинда;

- дарки моҳияти инсон ҳамчун навъи биологӣ;

- рушди малакаҳои татбиқи донишҳои биологӣ барои шарҳи равандҳо ва падидаҳои олами ҳайвонот ва фаъолияти организми худ;

- ба даст овардани маълумот оид ба дастовардҳои муосири биология, экология, ҳифзи саломатӣ ва омилҳои хатари муҳити зист;

- азхудкунии кор бо асбобҳо, таҷҳизот ва адабиёти маълумотии биологӣ.

Шарти муҳими дигар — ин муайян кардани нақш, ҷойгоҳ ва мақсади истифодаи ТИК дар сохтори дарси мушаххас ва курси таълимӣ дар маҷмӯъ мебошад. Ин амр муайян намудани ҳадафҳои дақиқи истифода, интихоби вақти оптималии воридсозӣ ба раванди таълим ва мутобиқати он бо вазифаҳои фанни мушаххас ва натиҷаҳои интизории таълимро дар бар мегирад. Чунин муносибат имкон медиҳад, ки аз истифодаи расмӣ ё аз ҳад

зиёди технологияҳо пешгирӣ карда шуда, арзиши воқеии педагогии онҳо таъмин гардад.

Яке аз ҷузъҳои ҷудонашавандаи истифодаи самараноки ТИК таъмин намудани ҳамкории ҳамоҳанг миёни воситаҳои рақамӣ ва усулҳои анъанавии таълим мебошад. Технологияҳои рақамӣ бояд на ҷойгузини амалияҳои устувори педагогӣ, балки пуркунандаи онҳо бошанд ва таъсири синергетикӣ ба вуҷуд оваранд, ки бартариҳои ҳар ду усулро тақвият мебахшад.

Дар тадқиқот шумораи пешакӣ муайяншудаи донишҷӯён иштирок намуданд. Ташхиси ибтидоӣ аз фанни биология унсури муҳими идоракунии раванди таълим гардид: натиҷаҳои он ба омӯзгорон имкон доданд холигии донишҳоро муайян намоянд, муҳтавои курсҳои таълимиро ислоҳ кунанд, мавзӯъҳои барои азхудкунӣ душворро мушаххас созанд ва самтҳои минбаъдаи кори ташаккули салоҳияти ТИК-и омӯзандагонро муайян намоянд.

Дар асоси ҳисобу таҳлилҳои гузаронидашуда таркиби иштирокчиёни таҷрибаи педагогӣ муайян карда шуд, ки он ҳам гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва ҳам гурӯҳҳои назоратиро дар бар мегирифт.

Гурӯҳҳои таҷрибавӣ, ки шумораи умумии онҳо 150 нафарро ташкил медод, аз ҳисоби донишҷӯёни ихтисосҳои «Биология» ва «Биохимия» пурра карда шуданд. Ин иштирокчиён интихобияи асосии таҳқиқотро ташкил дода, маҳз дар онҳо усулҳои методии таҳияшаванда, ки ба такмил додани раванди таълим бо истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) ва ҳалли инноватсионии педагогӣ равона гардида буданд, озмоиш мешуданд.

Гурӯҳҳои назоратӣ бо мақсади муқоиса намудани динамика ва сифати азхудкунии дониш дар шароити ташкили анъанавии раванди таълим таъсис дода шуданд. Ба таркиби онҳо 30 нафар донишҷӯёни ихтисоси «Биология» дохил мешуданд.

Аз ҷумла, дар факултети биологияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев гурӯҳи назоратӣ аз 41 нафар донишҷӯ иборат буд, дар

ҳоле ки дар Донишгоҳи давлатии педагогии Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ – 68 нафар ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав 41 нафарро ташкил медод. Чунин тақсимот имкон дод, ки хусусиятҳои минтақавии муҳити таълимӣ, сатҳи омодагӣ ва шароити ташаккули салоҳиятҳои касбии мутахассисони оянда ба инобат гирифта шаванд. Ин сохтори таҷриба имконият фароҳам овард, ки натиҷаҳои таълим дар шароити гуногуни институтсионалӣ ба таври объективӣ муқоиса карда шаванд, ки дар навбати худ эътимоднокии хулосаҳо ва аҳамияти илмии онҳоро баланд бардошт.

Ҷойгоҳи махсус дар сохтори тадқиқот портфели электронии донишҷӯ ишғол намуд, ки на танҳо ҳамчун воситаи сабти дастовардҳои инфиродӣ ва худтаҳлилӣ, балки ҳамчун абзори самараноки муоширати педагогӣ низ хизмат карда, имкон медод динамикаи рушди касбӣ пайгирӣ карда шавад.

Ҳамин тариқ, динамикаи мусбати ба қайд гирифташудаи мониторинг самаранокӣ ва асоснокии илмии модели пешниҳодшудаи ташаккули салоҳияти ТИК-и донишҷӯёнро дар шароити донишгоҳи педагогӣ тасдиқ менамояд.

Боби III. Натиҷаҳои ҷорӣ намудани шаклҳо ва усулҳои ташкили раванди таълим бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар машғулиятҳои биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурии тоҷикистон

Асри муосир ба таври қонунӣ бо рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ алоқаманд дониста мешавад, бинобар ин онро аксаран ҳамчун «давраи трансформатсияи рақамӣ» тавсиф менамоянд. Ворид намудани ТИК ба фаъолияти касбӣ яке аз ҷойгоҳҳои калидиро дар низоми омодасозии кадрҳои баландихтисос ишғол мекунад. Технологияҳои рақамӣ симои ҷомеаи муосирро ба таври ҷиддӣ тағйир дода, ҳамоно ба рушди минбаъдаи он таъсири ҳалкунанда мерасонанд.

Дар соли 2005, микроскопи рақамии пешрафта, ки барои истифода бо компютер зарур аст, ба кор андухта шуд. Ба ҷои ин,он як дастгоҳи дохили дошта,ки ба монитор ва компютер пайваст буд. Дар соли 2015, микроскопи

нави рақамии бо пайвасти USB ба компютер пайваст гардид. Аз охири асри 19, навсозии таълим дар мактабҳо ва пайдоиши микроскопи электронӣ нишон дода мешавад. Дар микроскопи рақамӣ тасвирҳо аз ҷониби камераи микроскоп гирифта мешавад ва сипас тавассути системаҳои электронии пайваст ба компютер интиқол дода мешавад. Ин технологияҳо ба қисми ҷудонопазири ҷараёни таълим табдил ёфта, ба баланд бардоштани самаранокӣ ва дастрасии он мусоидат менамоянд, аз ҷумла ҳангоми таълими фанни биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.

Синфхонаҳои муосири донишгоҳҳо рӯз то рӯз бо таҷҳизоти сатҳи баланд таъмин мегарданд — компютерҳои стационарӣ ва ноутбукҳо, проекторҳои мултимедиявӣ, тахтаҳои интерактивӣ ва инчунин таҷҳизоти махсуси лабораторӣ. Чунин таъминот имкониятҳои омӯзгоронро васеъ намуда, ба онҳо имкон медиҳад, ки дар ҷараёни таълими фанҳои табиатшиносӣ, аз ҷумла биология, химия ва физика, аз презентатсияҳои мултимедиявӣ, лабораторияҳои виртуалӣ ва симуляторҳои интерактивӣ истифода баранд.

Мавқеи махсусро дар раванди таълими фанҳои биологӣ кор бо микроскоп ишғол мекунад — асбоби суннатӣ, ки даҳсолаҳо боз таваҷҷуҳи фаъолонаи донишҷӯёнро ба худ ҷалб намуда, дар ташаккули малакаҳои амалии мушоҳида ва таҳлил нақши муҳим мебозад.

Истифодаи микроскопи рақамӣ: Микроскопи рақамӣ барои тафтиш кардани намунаҳои хурд ва ҳатто намунаҳои зинда истифода мешавад. Масалан, микроскопи рақамиро дар биология, тиб, химия, физика ва бисёр дигар соҳаҳои илмӣ истифода бурдан мумкин аст.

Баъзе самтҳои истифодаи муҳими микроскопи рақамӣ инҳоянд: Муоинаи ҳуҷайраҳо: Микроскопи рақамӣ ҳамчун воситаи пуркувват дар илмҳои биологӣ ва тиббӣ барои омӯзиши ҳуҷайраҳо, бофтаҳо ва намудҳои гуногуни ҳуҷайраҳо, ки дар бадани инсон, ҳайвонот ва растаниҳо мавҷуданд, истифода мешавад.

Муоинаи бофтаҳо: Бо истифода аз микроскопи ракамӣ, бофтаҳои гуногунро барои таҳқиқ ва ташхиси бемориҳо дар тиб ва байторӣ омӯхтан ва таҳлил кардан мумкин аст. Баррасии намунаҳои зинда: микроскопи рақамӣ имкони мушоҳида ва баррасии намунаҳои зиндаро бо ёрии камераи худ ва нигоҳ доштани шароити мувофиқ фароҳам меорад.

Баррасии сохтори мавод: Ин навъи микроскоп ба корбарон имкон медиҳад, ки сохтори мавод, аз ҷумла ҳама намуди металлҳо, пластикҳо, сафолҳо ва ғайраро мушоҳида ва тафтиш кунанд.

Маҷмӯаи микроскопи рақамӣ аз микроскопи оптикии классикӣ ва камераи рақамии ранга иборат буда, траекторияи оптикии он бо меҳвари оптикии асбоб мувофиқат мекунад. Микроскопи анъанавӣ метавонад ҳам ба таври мустақил ва ҳам дар якҷоягӣ бо камераи рақамӣ фаъолият намояд; камера пас аз танзими пешакии тасвир ба ҷои окуляр насб карда мешавад. Пайвастшавии камера ба компютери шахсӣ тавассути интерфейси USB анҷом мегирад.

Маводи бадастомада метавонанд аз ҷониби омӯзгор ҳангоми таҳияи захираҳои методии худ — презентатсияҳо, дастурҳои электронӣ, маводи тақсимотӣ ва ғайра — истифода шаванд.

Дар ҷараёни иҷрои машғулиятҳои лабораторӣ микроскопи рақамӣ барои донишҷӯён як қатор бартариҳои муҳим фароҳам меорад:

- имконияти мушоҳидаи ҳамзамони микрообъект аз ҷониби гурӯҳи омӯзандагон тавассути намоиши тасвир дар монитор ё экран;
- муқоисаи тасвири дидашаванда дар окуляр бо визуализатсияи рақамӣ дар экран;
- гирифтани маводи аксӣ ва видеоӣ барои таҳлил, таҳияи презентатсияҳо ва тартиб додани корҳои ҳисоботӣ;
- истифодаи тасвирҳои чопшудаи объектҳои биологӣ барои омӯзиши муфассал;
- мушоҳидаи объектҳо дар динамика ва сабти тағйирот дар тӯли вақт.

Намудҳои микроскопҳои рақамӣ: Намудҳои гуногуни микроскопҳои рақамӣ мавҷуданд, ки ҳар яки онҳо қобилият ва истифодаи худро доранд. Баъзе аз намудҳои муҳимтарини микроскопҳои рақамӣ инҳоянд:

Микроскопи рақамии USB: Ин навъи микроскоп ба компютер пайваст карда мешавад ва тасвирҳои намоишшуда дар нармафзори мувофиқ нигоҳ дошта мешаванд ва таҳлил карда мешаванд. Ин дастгоҳҳо асосан барои барномаҳои таълимӣ ва тадқиқотӣ истифода мешаванд.

Микроскопи рақамии Wi-Fi: Ин навъи микроскоп бо қобилияти пайвастшавӣ ба шабакаи Wi-Fi муҷаҳҳаз аст ва онро тавассути барномаи мобилӣ идора кардан мумкин аст. Ин дастгоҳҳо бо сабаби осонии истифода ва чандирии баланд барои барномаҳои таълимӣ ва хонагӣ истифода мешаванд.

Микроскопи сайёри рақамӣ: Чунин микроскоп андозаи хурдтар дорад ва барои барномаҳои сайёр ва тадқиқот дар соҳа истифода мешавад. Ин дастгоҳҳо мустақиман ба телефони мобилӣ ё планшет пайваст буда, имкони аксбардорӣ ва сабти видеоро доранд.

Микроскопи рақамии 3D: Ин намуди микроскоп бо истифода аз камераҳои сершумор тасвирҳои 3D-и намунаҳоро тавлид мекунад. Ин дастгоҳҳо барои барномаҳои тиббӣ, муҳандисӣ ва истеҳсолӣ истифода мешаванд. Қисмҳои микроскопи рақамӣ: Микроскопи рақамӣ аз ҷузъҳои гуногун иборат аст, ки ҳар яки онҳо ба кор ва истифодаи дастгоҳ ҳамчун қисми асосӣ таъсири муҳим доранд. Қисмҳои муҳими микроскопи рақамӣ инҳоянд:

Линза: Ин қисми микроскоп тасвири намунаро қабул мекунад ва онро ба камера интиқол медиҳад.

Камера: Ин қисми микроскоп тасвири аз линза ба вуҷуд омадаро ба тасвири рақамӣ табдил медиҳад.

Нармафзори тасвирӣ: Ин қисми микроскоп тасвирҳои аз ҷониби камера гирифташударо қабул мекунад ва онҳоро ба таври рақамӣ нигоҳ медорад.

Экран: Ин қисми микроскоп тасвирҳои рақамиро намоиш медиҳад. Технологияи пайвастшавӣ: Микроскопи рақамиро метавон ба компютер тавассути порти USB, ба шабака тавассути Wi-Fi ё ба телефони мобилӣ ва планшет тавассути Bluetooth ё Wi-Fi пайваст кард.

Экран барои назорат: Баъзе микроскопҳо барои идоракунии дастгоҳ бо экран муҷаҳҳаз шудаанд.

Лавозимот.Микроскопҳо барои кор кардан, бо равшании LED, филтерҳо,стендҳо ва дигар таҷҳизоти зарурӣ истифода мешавад. Микроскопи рақамӣ бо сабаби тарзи мураккаби худ ва талаботи махсус барои истифодаи корбарон зарур аст.

Ширкатҳо ва дастгоҳҳо барои пайвастшавӣ бо имконият, ки барои корбарон ва дарк кардани усулҳои ҷадид зарур мебошанд. Масалан, омӯзгори биология метавонад бо истифда аз микроскопи рақамӣ тасвирҳоро нишон диҳад ва донишҷӯёнро бо он кор кардан раҳнамоӣ мекунад.

Асбоби рақамии таҳлилгари хлорофил. Барои муайян кардани микдори хлорофил дар таркиби барги растанӣ дар баробари усулҳои анъанави асбобҳои махсуси муосиреро низ истифода мебаранд. Яке аз чунини асбобҳо таҳлилгари хлорофил. Асбобро дар шароити саҳрои барои муайян кардани микдори хлорофил истифода бурдан қуллай аст. Анализатори хлорофил, асбобест, ки ба тадқиқотчӣ имконият медиҳад, ки ҳолати ғизогирии зироҳатҳои кишоварзиро бо роҳи ченкунии микдори хлорофил муайян созад. Миқдори хлорофил аз шароитҳои рушду инкишофи растанӣ вобастааст, бинобар он ба воситаи асбоби таҳлилгари хлорофил элементҳои ғизоии зарурииро низ муайян кардан мумкин аст.

Дисертатсия ба талаботи "Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории дисертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ” (Фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024 таҳти №493) мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои ба дастовардаи муаллиф медиҳад. Натиҷаҳои бадастомада,

эътимодноки, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методи асоснок карда шуда, дар сатҳи зарурӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ. Тахассуси илмии довталаб Алиназарова Муҳаббат Раҳматназаровна ба ихтисоси илмии дархостшаванда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.5. - Назария ва технологияи таълими биология) мувофиқат мекунад. Таҳқиқи диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия**

Бо вуҷуди баҳои мусбат додан ба мазмуну муҳтавои диссертатсия, аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада, дар таҳқиқоти мазкур баъзе камбудиҳо ва масъалаҳои баҳсталаб низ ба назар мерасанд, ки хусусияти ҷузъӣ дошта, ба арзиши умумии илмии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд. Аз ҷумла:

1. Дар баъзе қисматҳои диссертатсия такрори фикру андешаҳо ба назар мерасад. Дар боби якум ва қисматҳои алоҳидаи боби дуюм моҳияти истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди таълим бо ибораҳои гуногун такроран шарҳ дода шудааст;

2. Дар қисми назариявӣ доираи баъзе сарчашмаҳои илмӣ васеътар истифода шуда метавонист. Бо дарназардошти рушди босуръати технологияҳои рақамӣ, истифодаи адабиёти нисбатан нави илмӣ ва таҳқиқоти солҳои охир оид ба зеҳни сунъӣ, муҳити рақамии таълим, захираҳои электронии таълимӣ ва платформаҳои рақамӣ метавонист заминаи назариявии таҳқиқотро боз ҳам мустаҳкам намояд;

3. Қисмати марбут ба истифодаи микроскопҳои рақамӣ нисбатан муфассал баён гардидааст. Дар ин қисмат баъзе маълумоти техникию тавсифӣ аз доираи масъалаи асосии таҳқиқот берун рафта, бо мазмуни методикаи омодасозии омӯзгорониояндаи биология робитаи мустақими камтар дорад. Аз ин рӯ, мувофиқи мақсад мебуд, ки ин мавод бештар аз

нуқтаи назари имкониятҳои дидактикӣ ва методии микроскопи рақамӣ дар омодасозии касбии донишҷӯён таҳлил карда шавад;

4. Дар матни диссертатсия баъзе хатогиҳои имлоӣ, грамматикӣ, услубӣ ва техникии таҳририӣ ҷой доранд. Аз ҷумла, дар баъзе ҷумлаҳо истифодаи нодурусти аломатҳои китобат, фосилагузорӣ, шаклҳои нодурусти калимаҳо ва пайвастан ё ҷудо навишта шудани баъзе иборахо ба назар мерасад. Бартараф намудани чунин камбудиҳо сифати таҳририи диссертатсияро беҳтар менамояд.

Камбудиҳои зикршуда асосан хусусияти таҳририӣ, методӣ ва ҷузъӣ дошта, ба навоварии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот таъсири ҳалкунанда намерасонанд. Онҳо бештар ҳамчун тавсияҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия ва таҳқиқотиояндаи муаллиф арзёбӣ мешаванд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия**. Диссертатсияи Алиназарова Муҳаббат Раҳматназаровна дар мавзуи «Методикаи омодасозии мутахассисониояндаи биология бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси (5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.5. - Назария ва технологияи таълими биология) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ва талаботи мавҷуда мутобиқат мекунад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муалифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси (5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.5. - Назария ва технологияи таълими биология) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.20202 №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст. Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи

биология ва методикаи таълими они факултети химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент Бобозода Бахтиёр Ҷангӣ омода гардидааст. Тақриз дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент Назаров Ҳотам Сарфарозович муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (суратҷаласаи №1 аз 11 августи ноябри соли 2026). Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 14- нафар, зид- нест, бетараф -нест.

Раиси ҷаласа,
мудири кафедраи умумидонишгоҳии
педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент: Назаров Ҳотам Сарфарозович

Эксперт,
мудири кафедраи биология ва методикаи
таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент: Бобозода Бахтиёр Ҷангӣ

Котиби илмии ҷаласа,
номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи
умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Абдуллоҷони Ҳамрохон

Имзоҳои Ҳ.С. Назаров, Б.Ҷ. Бобозода ва Абдуллоҷони Ҳ.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Давлатзода М.А.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

11.08.2026